Натиҷаҳои санҷиши аудити молиявии
Агентии хизмати давлатӣ дар солҳои 2019-2021

Дар Агентии хизмати давлатӣ тибқи фармоиши Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2021, №1/3-260 бо иштироки мутахассисон аз 29 ноябри соли 2021 то 18 декабри соли 2021 аудити молиявӣ барои давраи фаъолияти хоҷагидорӣ аз 1 ноябри соли 2019 то 1 ноябри соли 2021 гузаронида шуд.

Дар натиҷаи хулосаи аудити молиявӣ камбудиҳои зерин муайян гардид:

-ба 3 корманд аз ҳисоби кӯмакпулӣ аз ҳисоби баландкӯҳӣ ба маблағи 903,0 сомонӣ зиёд пардохт карда шудааст;

-бинобар набудани чеки назоратӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ пардохт нагардидани андозҳо ба маблағи 3659,2 сомонӣ;

-аз ҳисоби риоя нагардидани талаботи моддаҳои 212-218 Кодекси андоз кам ҳисоб ва пардохт гардидани андози иҷтимоӣ ба маблағи 16134,50 сомонӣ

-ғайримақсаднок истифодабарии маблағҳои музди меҳнат ва аз ин ҳисоб харидорӣ намудани маводҳои антисептикӣ ба андозаи 9577,0 сомонӣ,

-аз ҳисоби риоя нагардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №531 (бо тағйиру иловаҳо аз 31 январи соли 2015, №38) зиёд пардохт кардани хароҷоти сафарҳои хизматӣ ба маблағи 12309,5 сомонӣ;

-дар зиммаи шахси масъули моддӣ ошкор намудани камомад ба маблағи 317,34 сомонӣ.

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ барои ислоҳи камбудиҳо чораҳои зарурӣ андешида шуда, камбудиҳои ошкоргардида пурра бартараф карда шуданд.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон